# ШИНОСНОМАИ ИХТИСОСИ 6D050607 – ИҚТИСОДИЁТИ НАҚЛИЁТ

*(Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “_____” “_________” 2025 сол тасдиқ шудааст)*

## ШИНОСНОМАИ ИХТИСОСИ

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси
6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт)

**РАМЗИ ИХТИСОС:**
6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт)

## 1. СОҲАИ ИЛМ, КИ АЗ РӮЙИ ОНҲО ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОДА МЕШАВАД:

- Илмҳои иқтисодӣ

## 2. ШАРҲИ ИХТИСОС:

Мазмуни ин соҳаи таҳқиқ: муносибатҳои иқтисодӣ оид ба назария, методология ва амалияи муосири хизматрасониҳои нақлиётӣ ҳамчун соҳаҳои махсуси иқтисодиёт ва масоили рушди онҳо.

Объекти таҳқиқ: ҳамаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии субъектҳое, ки фаъолияти худро дар соҳаи хизматрасониҳои нақлиётӣ амалӣ менамоянд (соҳаи савдои байналмилалӣ, хизматрасонии объектҳои нақлиётӣ, гумрукӣ, долонҳо, сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо (хизматрасониҳои машваратӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, брокерӣ, терминалӣ, аутсорсингӣ, суғуртавӣ, маркетингӣ-рекламавӣ, лизингӣ, таҳлилӣ-таҳқиқотӣ, экспертизавӣ, бонкию асъорӣ ва дигар хизматрасониҳои ёрирасон барои рушди соҳибкорӣ).

## 3. СОҲАҲОИ ТАҲҚИҚОТ:

1. Таҳияи стратегияи рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ дар кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо.
2. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои нақлиётӣ.
3. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ.
4. Асосноккунии шаклҳои самараноки ҳамкории субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ бо субъектҳои дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ.
5. Таҳқиқи вазъи бозори молҳои воридотӣ ва содиротӣ ва дурнамои онҳо.
6. Таъмини мутаносибии тақозо ва арза дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ.
7. Рушди инфрасохтори бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ.
8. Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол дар савдои байналмилалӣ ва ҳамлу нақли онҳо.

9. Пешгӯии тавозуни захираю воридот ва содироти молҳо барои марҳилаҳои кӯтоҳ, миёна ва дарозмуҳлат.

10. Хароҷоти муомилот: таҳқиқи ҳаҷм ва таркиби он дар хизматрасониҳои нақлиётӣ.

11. Сармоягузорӣ ба рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ ва истифодаи самараноки он.

12. Даромад ва самаранокии хизматрасониҳои нақлиётӣ.

13. Таҳлили вазъи молиявии субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва баланд бардоштани устувории онҳо.

14. Самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии хизматрасониҳои нақлиётӣ.

15. Роҳҳои таҳқиқ ва истифодаи самараноки потенсиали субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ.

16. Маблағгузории рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ дар шароити муосир.

17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва ҷойгиршавии ратсионалии сохторҳои онҳо.

18. Натиҷаҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ.

19. Ташкили шартҳои тиҷоратии молрасонӣ дар шароити муосир.

20. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ.

21. Хусусият ва функсияҳои фаъолияти намояндагӣ, аутсорсингӣ ва миёнаравӣ ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ.

22. Рушди инфрасохтори хизматрасониҳои нақлиётӣ.

23. Таъмини сатҳу сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ.

24. Мазмун, масоил, дурнамои такмили фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ ва роҳҳои амалисозии онҳо.

25. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва тарифӣ.

26. Дастгирии давлатӣ ва рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ дар кишвар, минтақаҳо, зерсоҳаҳо ва аҳолӣ.

27. Таъмини бехатарӣ ва сифати молҳо ва мусофиркашонӣ ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ.

28. Рушди хизматрасониҳои нақлиётию логистикӣ ва бонкӣ дар шароити муосир

29. Роҳҳои баланд бардоштани рақобаттавонии субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ.

30. Рушди технологияҳои рақамӣ ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ.

31. Ташкили барасмиятдарорию назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, беҳдошти гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва бозрасии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ.

32. Хусусиятҳои рушди соҳибкорӣ ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ.

33. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳо ва низоми идораи таваккал ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ.

34. Идоракунии стратегии субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ.

35. Ташкил ва идоракунии кормандон дар соҳаи нақлиёт.

36. Менеҷмент ҳамчун захираи субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ, таркиб, сохтор ва пайдарҳамии таҳиясозии низоми идоракунӣ

37. Идоракунии ҷараёнҳои технологию техникӣ ва назоратӣ дар субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ.

38. Идоракунии равандҳои технологӣ, техникӣ ва назоратӣ дар субъектҳои хизматрасонии нақлиётӣ.

39. Механизми идоракунии бӯҳронҳо дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ.

40. Шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар хизматрасонии нақлиётӣ.

41. Механизми танзими гумрукӣ-тарифӣ ва ғайритарифӣ ва такмили раванди интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ.

## 4. РАМЗ ВА НОМГӮЙИ ИХТИСОСҲОИ МУҶОВИР:

6D050601 – Назарияи иқтисодӣ.

6D050606 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт.

6D050701 – Менеҷмент.

6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

6D051101 – Маркетинг.

6D051102 – Нархгузорӣ.

6D051201 – Омор.

6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

## 5. ҲУДУДГУЗОРӢ БО ИХТИСОСҲОИ МУҶОВИР:

Дар фарқият аз ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт, таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ ба омӯзиши тамоюл ва хусусиятҳои соҳаи хизматрасонӣ ва механизми хоҷагидории субъектҳои ин соҳа нигаронида шудааст.

Дар тафовут аз ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт, таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6D050606 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт коркарди усулҳои нави риёзиву инструменталиии иқтисодиётро тақозо наменамояд ва барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда усулҳои аллакай таҳияшудаи риёзӣ ва инструменталиро истифода мебарад.

Дар фарқият аз ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт, таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6D050701 – Менеҷмент ба масъалаҳои идоракунӣ ва менеҷмент ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ нигаронида шудааст.

Ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт аз ихтисоси 6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бо он фарқ мекунад, ки дар доираи он

нишондиҳандаҳои бухгалтерӣ ҳамчун иттилооти аввалия барои ошкорсозии қонуниятҳои фаъолияти субъектҳои соҳаи хизматрасониҳои нақлиётӣ истифода мешаванд.

Тафовути таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт аз ихтисоси 6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар он зоҳир меёбад, ки проблемаҳои танзими фаъолияти иқтисодӣ ба таври комплексӣ баррасӣ мегарданд ва дар доираи он масъалаҳои молия, гардиши пул ва қарз дар соҳаи хизматрасониҳои нақлиётӣ баррасӣ мешаванд.

Дар тафовут аз аз ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт, таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6D051101 – Маркетинг ба омӯзиши ҷанбаҳои маркетингии фаъолияти субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ нигаронида шудааст.

Дар тафовут аз аз ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт, таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6D051102 – Нархгузорӣ ба омӯзиши ҷанбаҳои нархгузории фаъолияти субъектҳои соҳаи хизматрасониҳои нақлиётӣ нигаронида шудааст.

Тафовути таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт аз ихтисоси 6D051201 – Омор дар он зоҳир меёбад, ки тамоюлҳои рушди субъектҳои соҳаи хизматрасониҳои нақлиётиро дар асоси истифодаи маълумоти оморӣ муайян менамояд.

Ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт аз ихтисоси 6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо он фарқ мекунад, ки дар доираи он таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ дар самти хизматрасониҳои нақлиётӣ баррасӣ мегардад.

## 6. ҲУДУДГУЗОРӢ БО СОҲАҲОИ ИЛМҲОИ МУҶОВИР:

Таҳқиқоти бунёдӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт дар доираи илмҳои иқтисодӣ тибқи ихтисосҳои иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ гузаронида мешаванд.